# ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**СТАНДАРТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**(СПҲ- 100)**

## ДАСТУРАМАЛ
## ОИД БА АСОСҲОИ ТАЪМИНИ МЕТОДОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДУШАНБЕ-2017**

Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» июли соли 2017, №32.1 тасдиқ карда шудааст.

## СТАНДАРТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СПҲ-100)

## ДАСТУРАМАЛ ОИД БА АСОСҲОИ ТАЪМИНИ МЕТОДОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Дастурамал) ҳамчун стандарти ташкили фаъолият бо дарназардошти муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Дастури Палатаи ҳисоб), инчунин таҷрибаи амалии таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Палатаи ҳисоб) ва Ташкилоти байналмилалии мақоми олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ) таҳия гардида, он принсипҳои асосӣ, тартиби умумии таҳия, қабул, интишор, амал, мураттабсозӣ, қоида ва дигар чорабиниҳои ташкили таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисобро муқаррар менамояд.

1.2. Вазифаҳои Дастурамал аз таъмин ва иҷрои масъалаҳои зерин иборат мебошад:

- муайян намудани мақсад, вазифа ва мазмуни таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб;
- муайян кардани намуди ҳуҷҷатҳо вобаста ба таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб;
- муқаррар намудани талаботҳо нисбат ба мазмуни стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- муқаррар намудани қоидаҳои ташкил, ифода намудан ва ба расмият даровардани стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- муайян намудани тартиби таҳия, ба мувофиқа расонидан, тасдиқ, мавриди амал қарор додан ва мураттабсозии стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- муайян намудани тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ва аз эътибор соқит намудани онҳо.

## 2. МАЗМУНИ ТАЪМИНИ МЕТОДОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

2.1. Таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб ҷараёни ташаккул ва мукаммалгардонии сохтори ба ҳам вобастаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисобро дар бар гирифта, он муносибат ва чорабиниҳои дахлдорро вобаста ба ташкили фаъолият ва аз ҷониби Палатаи ҳисоб амали гардонидани чорабиниҳои санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисиро ба танзим медарорад.

2.2. Мақсад аз таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб расонидани кӯмаки назариявии сифатнок ҷиҳати иҷрои вазифаҳои бевосита, баланд бардоштани дараҷаи самаранокии фаъолият тавассути ба танзимдарории меъёрӣ ва методологии чорабиниҳои ташкили фаъолият ва амалӣ гардонидани фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисии Палатаи ҳисоб ба шумор меравад.

Вазифаҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб аз иҷрои масъалаҳои зерин иборат мебошад:

- муайян намудани талабот, чорабинӣ ва усулҳои ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб, амалӣ намудани фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисӣ, таъмини мутобиқат доштани онҳо ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва дохилӣ;

- мукаммалгардонии усулҳои амалкунанда ва ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб ва амалӣ гардонидани фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисии он;

- ба инобат гирифтан ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар соҳаи таъмини методологии фаъолият.

2.3. Татбиқи вазифаҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- банақшагирӣ, ташкил, амалигардонидании таҳия ва мураттабсозии стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- гузаронидани омӯзиши (мониторинг) аҳамиятнокии муқаррароти стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии амалкунандаи Палатаи ҳисоб ва таҳлили дар амал татбиқ гардидани онҳо;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии амалкунандаи Палатаи ҳисоб;

- таҳлил ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи амалии таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб ва таҷрибаи мақомотҳои олии назорати молиявии кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи таъмини методологии фаъолияти онҳо;

- омӯзиш ва таҳлили стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи назорати давлатӣ, аудит ва ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла стандартҳои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ);

- омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи амалии ташкили фаъолият, амалигардонии фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисии Палатаи ҳисоб;

- омӯзиши натиҷаи дастовардҳои илмию методӣ дар соҳаи назорати молиявӣ ва аудити беруна;

- ташкили дастрасии саривақтӣ ва мусоиди тамоми кормандони Палатаи ҳисоб ба ҳомилҳои электронии стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологӣ;

- ташкил ва пешбурди дурусти маҳзани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методологии Палатаи ҳисоб.

2.4. Роҳбарии умумии таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб аз ҷониби Раис ва ё бо супориши ӯ аз тарафи муовини Раиси Палатаи ҳисоб амалӣ гардонида мешавад.

Асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб дар доираи ваколатҳои муқарраргардида аз ҷониби шахсони зерин амалӣ карда мешавад:

- аз ҷониби сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки тибқи талаботи Дастури Палатаи ҳисоб дар доираи самтҳои фаъолияти ба онҳо вобаста гардида, бо роҳи таҳияи лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои методологӣ ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ бо назардошти хусусияти хоси самти фаъолияти дахлдор, корҳои методологиро ташкил менамоянд;

- аз ҷониби роҳбари дастгоҳи Палатаи ҳисоб, ки ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохтории дастгоҳи Палатаи ҳисобро

вобаста ба амалӣ гардонидани таъмини методологии фаъолияти он ба роҳ мемонад;

- аз ҷониби роҳбарони воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, ки ташкили фаъолиятро вобаста ба таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологӣ дар воҳидҳои ба онҳо вобаста гардида ба роҳ мемонанд.

Ҳамчунин, таъмини бевоситаи методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб аз ҷониби воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, ки тибқи функсия ва вазифаҳои хизматӣ ба зиммаи онҳо таъмини методологии фаъолият бо роҳи таҳия ва муҳимгардонии стандартҳои умумӣ ва ҳуҷҷатҳои методологӣ дар мавзӯи мутобиқат доштани сохтор, мазмун ва ба расмиятдарории муқаррароти он, таъмини ҳуқуқии фаъолият бо роҳи гузаронидани ташхиси ҳуқуқӣ ва забонии стандартҳо гузошта шудааст, ба амал бароварда мешавад.

## 3.ҲУҶҶАТҲО ОИД БА ТАЪМИНИ МЕТОДОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ, ТАЛАБОТҲОИ АСОСӢ НИСБАТ БА МАЗМУН ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ОНҲО

3.1. Ҳуҷҷатҳо оид ба таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисобро стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ташкил медиҳанд.

3.2. Ба стандартҳои Палатаи ҳисоб ҳуҷҷатҳои меъёрии тибқи тартиби муқарраршуда таҳия ва тасдиқ гардида дохил мешаванд, ки тибқи он хусусият, қоида ва чорабиниҳо вобаста ба банақшагирӣ, ташкил ва амалӣ гардонидани намудҳои гуногуни фаъолияти Палатаи ҳисоб ё талаботҳои дахлдор нисбат ба натиҷаҳои он муайян карда мешаванд.

Мафҳумҳои стандарт, ки дар фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд:

-**стандарти аудит**- ҳуҷҷате, ки аз тарафи мақоми ваколатдор тибқи тартиби муқарраргардида бо мақсади татбиқи дақиқ ва истифодаи бисёркарата тасдиқ гардида, қоидаҳо, дастурҳо ва принсипҳои асосии гузаронидани чорабиниҳои аудиториро муқаррар менамояд.

- **стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (Стандарти миллии аудити беруна) -** ҳуҷҷати тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқшуда, ки хусусият, қоида ва тартиби банақшагирӣ**,** ташкил ва татбиқи фаъолияти мақоми олии назорати молиявӣ ва талаботҳо вобаста ба натиҷагирии онро муқаррар менамояд ва аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад.

**-стандарти байналмилалии аудит -** стандарте, ки Федератсияи байналмилалии муҳосибон ба нашр расонида, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ барои истифода тасдиқ гардида, барои муайян намудани фаъолияти аудиторӣ имконият фароҳам оварда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо ва арзёбии натиҷаҳои аудит татбиқ мегардад.

**-стандарти байналмилалии мақоми олии назорати молиявӣ** - стандарте, ки аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ISSAI-Стандартҳои байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ) таҳия, қабул ва ба нашр расонида шуда, барои муайян намудани фаъолияти аудиторӣ имконият фароҳам оварда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо ва арзёбии натиҷаҳои аудити давлатӣ татбиқ мегардад.

Дар Палатаи ҳисоб стандартҳои ташкили фаъолият ва стандартҳои назорати молиявии беруна амал менамоянд.

Тибқи стандартҳои ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб хусусият, қоида ва чорабиниҳои ташкил ва амалигардонии таъмини методологӣ, банақшагирии фаъолият, омода намудани ҳисоботҳо, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо дигар мақомотҳои назоратӣ, дигар намудҳои фаъолияти дохилӣ ва бо стандартҳои назорати молиявии беруна хусусият, қоида ва чорабиниҳои амалигардонии фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисии Палатаи ҳисоб муайян карда мешавад.

Риоя ва иҷрои стандартҳои Палатаи ҳисоб, ки тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва қабул гардидаанд, аз ҷониби тамоми шахсони масъул ва кормандони Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад.

3.3. Ба шумораи ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ҳуҷҷатҳои тибқи тартиби муқарраршуда таҳия ва тасдиқ гардида дохил шуда, онҳо шарҳи тарзу усулҳои дар амал татбиқ намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Палатаи ҳисоб ва ё шарҳи тарзу усулҳои амалӣ намудани чорабиниҳои алоҳидаи санҷишӣ – назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намудҳои фаъолияти Палатаи ҳисобро дар бар мегиранд.

Дар Палатаи ҳисоб намудҳои зерини ҳуҷҷатҳои методологӣ амал менамоянд:

- нишондодҳои методӣ - ҳуҷҷате, ки шарҳи тарзу усулҳои барои иҷро ҳатмии амалигардонии чорабиниҳои алоҳидаи санҷишӣ–назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намуди фаъолияти Палатаи ҳисобро дар бар мегирад;

- тавсияҳои методӣ - ҳуҷҷате, ки шарҳи тарзу усулҳои барои иҷро тавсияшавандаро ҷиҳати амалӣ гардонидани чорабиниҳои алоҳидаи

санҷишӣ – назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намуди фаъолияти Палатаи ҳисоб дар бар мегирад;

- методика - ҳуҷҷате, ки татбиқи усулҳои мушаххаси амалигардонии чорабиниҳои алоҳидаи санҷишӣ – назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намуди фаъолияти Палатаи ҳисобро шарҳ медиҳад.

3.4. Стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб бояд ҷавобгӯ ба талаботҳои асосии зерин бошанд:

- қонуният - яъне муқаррароти онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошанд;

- мувофиқи мақсад будан - яъне таҳияи он бояд ба мақсадҳои мавҷуда мувофиқат дошта бошанд;

- дақиқ ва фаҳмо будан - яъне ягонагии дарки меъёр ва муқаррароти онро таъмин намояд;

- таносуби мантиқӣ доштан - муттасилӣ ва ягонагии меъёрҳоро таъмин намуда, ихтилофҳои дохилиро барҳам диҳад;

- мукаммалӣ - дар ҳаҷми пурра тамоми масъалаҳои муҳимро, ки ба танзим медарорад, дар бар гирифта бошад;

- муттасилӣ ва мухолифат надоштан - алоқамандӣ ва мувофиқат доштани онҳоро бо ҳуҷҷатҳои меъёрии қаблан қабулгардида таъмин намуда, ба такрорёбии муқаррароти он роҳ дода нашавад;

- назорати иҷро - имконияти назорати холисонаи иҷроиши муқаррароти он таъмин карда шавад;

- ягонагии истилоҳотҳо - шарҳи якхелаи истилоҳотҳои истифодашаванда таъмин карда шавад.

Муқаррароти стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб бояд ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб, инчунин принсипҳои асосӣ ва роҳбарикунандаи назорати молиявӣ мухолифат надошта бошанд.

3.5. Таҳия, ифода намудан ва ба расмият даровардани стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб тибқи қоидаҳои дар замимаи №1 дастурамали мазкур овардашуда, амалӣ карда мешавад.

3.6. Вобаста аз таъинот стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии умумӣ ва махсус гардонидашуда тақсим мешаванд.

Стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии умумӣ ҷиҳати татбиқи онҳо дар доираи тамоми фаъолияти Палатаи ҳисоб таҳия гардида, масъалаҳои умумии ташкил ва амалӣ гардонидани фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намуди фаъолияти Палатаи ҳисобро новобаста аз шаклҳои мушаххаси он ба тартиб медарорад.

Стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии махсуси Палатаи ҳисоб дар асоси тартиби кор бо ҳуҷҷатҳои махфӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории сирри давлатӣ, хизматӣ ва сирри дигаре, ки онро қонун ҳифз мекунад аз ҷониби сохтори воҳидҳои махсуси Палатаи ҳисоб, амалӣ карда мешавад.

## 4. ТАРТИБИ ТАҲИЯ, БА МУВОФИҚА РАСОНИДАН, ТАСДИҚ ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДАНИ СТАНДАРТ ВА ҲУҶҶАТҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

4.1. Таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб тибқи нақшаи солонаи кории Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад, ки дар нақшаи зикргардида қисми алоҳида вобаста ба гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб дар назар дошта шудааст.

Стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб тибқи тартиби бо Дастурамали мазкур муқаррар гардида таҳия карда шуда, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

4.2. Барои таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб воҳидҳои сохтории зерини Палатаи ҳисоб масъул мебошанд:

- воҳиди сохтории Палатаи ҳисоб, ки таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб ба функсия ва вазифаҳои он дохил мешавад;
- воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, ки дар доираи мазмуни самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ ва таҳлилӣ - ташхисиро амалӣ менамоянд;
- дигар воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, ки масъалаҳои ташкил ва амалӣ гардонидани фаъолияти санҷишӣ - назоратӣ, таҳлилӣ - ташхисӣ ва дигар намуди фаъолияти Палатаи ҳисоб ба функсия ва вазифаҳои онҳо дохил мешаванд.

Таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии умумии Палатаи ҳисоб, ки барои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб нисбатан муҳим мебошанд, метавонад аз ҳисоби кормандони нисбатан ихтисосманди дастгоҳи Палатаи ҳисоб гуруҳи кории махсус созмон дода шуда, амалӣ карда шавад. Тартиби фаъолияти ҳайати чунин гуруҳи корӣ бо фармоиши дахлдор, ки аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад.

4.3. Таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб, ки аз тарафи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад, бо тартиби зерин, амалӣ карда мешавад:

- аз ҷониби таҳиякунанда омода намудани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- баррасии лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб аз ҷониби аъзоёни Ҳайати мушовара ва дигар воҳидҳои сохтории дахлдори Палатаи ҳисоб;

- такмили иловагии стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб аз ҷониби таҳиякунанда бо назардошти таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳои манзур гардида;

- баррасӣ ва ба мувофиқа расонидани лоиҳаи такмил додашудаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб бо аъзоёни Ҳайати мушовара ва воҳидҳои сохтории дахлдори Палатаи ҳисоб;

- гузаронидани ташхиси дахлдори лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани лоиҳаи ба мувофиқа расонидашудаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ;

- аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул гардидани қарор аз натиҷаи баррасии лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб.

4.4. Ҷиҳати омода намудани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб аз ҷониби таҳиякунанда чорабиниҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба масъалаҳое, ки бо стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ба танзим дароварда мешавад;

- омода намудани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- баррасии лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб аз ҷониби роҳбари бевоситаи шахси таҳиякунанда ва ворид намудани таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳои имконпазир;

- аз ҷониби таҳиякунанда такмил додани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бо назардошти таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳои манзур гардида ва омода намудани маълумотномаи тавзеҳотӣ ба он;

- аз ҷониби шахсони масъули дар таҳияи лоиҳа ширкатдошта гузоштани қайд дар лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб.

4.5. Ҳангоми таҳияи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта мешавад:

- муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи молияи давлатӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури Палатаи ҳисоб;

- муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ, аудит ва ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла стандартҳои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ);

- натиҷаи фаъолият, ки тибқи банди 2.3. Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ барои таҳияи лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб метавонад мутахассисони беруна, ки дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ, инчунин дар соҳаи фаъолияте, ки мавзӯи он ба стандарт ва ҳуҷҷати методологии таҳияшаванда дахл дорад, дорои таҷрибаи илмӣ ва амалӣ мебошанд, ҷалб карда шаванд.

4.6. Маълумотномаи тавзеҳотӣ ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бояд иттилооти зеринро дар бар гирифта бошад:

- мақсад ва асосноккунии зарурати таҳияи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;

- тавсифи мавзӯи ба тартиб даровarda шуда ва консепсияи лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;

- асосноккунӣ ва шарҳи кӯтоҳи муқаррароти асосии лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;

- маълумот дар бораи алоқамандӣ доштани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бо дигар ҳуҷҷатҳои Палатаи ҳисоб;

- номгӯи ҳуҷҷатҳои асосӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ, ки зимни таҳияи лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб истифода карда шудааст;

- маълумот дар бораи зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методологии Палатаи ҳисоб, ки ба меъёрҳои лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ мухолифат доранд ва ё аз эътибор соқит намудани онҳо.

4.7. Лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб, ки аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад, ҷиҳати баррасӣ ба сараудиторони Палатаи ҳисоб, инчунин ба роҳбарони воҳидҳои сохтории дахлдори Палатаи ҳисоб, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи Палатаи ҳисоб амалӣ гардида, ҳуҷҷатҳои мазкур ба мавзӯи фаъолияти онҳо дахл дорад, ирсол карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд будани таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳо ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии ирсолшуда, шахсони масъули зикргардида дар муҳлати дар мактуби ҳамроҳкунанда муқарраршуда лоиҳаро бояд ба таҳиякунанда ирсол намоянд.

Таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳо ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бояд мушаххас, қобили қабул ва асоснок буда, аз рӯи пайдарҳамии зерин баён шуда бошанд:

- вобаста ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб дар маҷмӯъ;

- вобаста ба ҷузҳо, қисмҳо, зерқисмҳо, бандҳо, зербандҳо ва замимаҳои лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб аз рӯи тартиби ҷойгиршавии онҳо дар лоиҳаи ҳуҷҷат.

Вобаста ба ҷой надоштани таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳо таҳиякунанда дар муҳлати муқарраршуда маълумоти хаттӣ, пешниҳод менамояд.

4.8. Таҳиякунандаи лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳои воридшударо мавриди баррасӣ қарор дода, дар сурати зарурӣ муҳокимаи онро бо муаллифони он барои ба даст овардани қарори ба мувофиқа расонидашуда доир намуда, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аҳамияти муҳим дошта, такмили лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологиро амалӣ менамояд.

4.9. Лоиҳаи такмил додашудаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб тибқи мактуби ҳамроҳкунанда ва варақаи ба мувофиқарасонӣ (замимаи №2) ба муовини Раис ва сараудиторони Палатаи ҳисоб, инчунин роҳбарони воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо аз ҷониби роҳбари дастгоҳи Палатаи ҳисоб амалӣ гардида, мавзӯи лоиҳа ба фаъолияти онҳо дахл менамояд, ҷиҳати баррасӣ ва ба мувофиқарасонии ниҳоӣ ирсол карда мешавад.

Дар мактуби ҳамроҳкунанда тавсифи кӯтоҳи тағйиру иловаҳои дар рафти такмили он ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб воридгардида дода шуда, муҳлати баррасӣ ва ба мувофиқа расонидани лоиҳаи такмилёфта нишон дода шуда, он набояд аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ирсоли он кам бошад.

Дар сурати ба мувофиқа расонидани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб, дар варақаи ба мувофиқарасонӣ аз ҷониби шахси масъули Палатаи ҳисоб, бидуни шарту шарҳ ва мулоҳизаи иловагӣ қайд гузошта мешавад.

Дар сурати мавҷуд будани мулоҳизаҳои хусусияти муҳим дошта ва дар ин асос ба мувофиқа нарасонидани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб аз ҷониби як ва ё якчанд шахсони масъули

Палатаи ҳисоб, таҳиякунандаи лоиҳа ҳуқуқ дорад, ки ҷадвали ихтилофҳоро тибқи шакли намунавӣ (замимаи №3) ба расмият дароварда, он аз ҷониби роҳбари бевоситаи ӯ ба имзо расонида мешавад.

4.10. Лоиҳаҳои стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб, ки аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешаванд, баъд аз ба мувофиқа расонидани онҳо бояд аз ташхис дар самти мутобиқат доштани муқаррароти онҳо ба сохтор ва мазмуни стандартҳо, инчунин ташхиси ҳуқуқӣ ва забонии онҳо аз ҷониби воҳидҳои сохтории масъул гузаронида шуда, аз натиҷаи он хулосаи дахлдор таҳия карда шавад.

4.11. Лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб, ки аз ташхиси ҳуқуқӣ ва забонӣ гузаронида шудааст, тибқи тартиби муқарраргардида ба Раиси Палатаи ҳисоб ҷиҳати ҳалли масъалаи ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани он ва қабули қарор ирсол карда мешавад.

Дар як вақт бо лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб маводҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- мурoҷиат ба унвонии Раиси Палатаи ҳисоб дар бораи ҳалли масъалаи ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;
- лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар бораи тасдиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб ва дар ҳолати зарурӣ муқаррарот дар бораи баъди таҳқиқ (татбиқи санҷишӣ-апробатсия) маъқул донистани он;
- маълумотномаи тавзеҳотӣ ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда вобаста дар самти ба мувофиқа расонидани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб;
- хулоса ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб аз натиҷаи ташхисҳои дахлдори гузаронидашуда;
- ҷадвали ихтилофҳо дар сурати пешниҳод гардидани он.

4.12. Аз натиҷаи баррасии лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ, Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қарор дар бораи тасдиқ ва ё рад кардани он ё ин ки дигар қарори дахлдор вобаста ба такмил додани он қабул менамояд.

4.13. Бо тасдиқ гардидани стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ, Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар як вақт метавонад қарор дар бораи татбиқи таҳқиқи он дар таҷриба қабул намояд.

Татбиқи таҳқиқи  стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ дар доираи муҳлати бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб муқarraршуда амалӣ гардида, дар рафти он татбиқи амалии меъёрҳои он санҷида шуда, камбудӣ ва норасоиҳои имконпазири дар рафти татбиқи амалии он ба миён омада, ошкор карда  мешавад.

Аз натиҷаи татбиқи таҳқиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ аз тарафи воҳидҳои сохтории онро татбиккунанда дар сурати ҷой доштан ба  таҳиякунанда таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳо манзур дошта шуда, дар навбати худ таҳиякунанда ворид намудани тағйироти заруриро ба он омода намуда, тибқи тартиби муқаррааргардида ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

4.14. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои методологии махсус лоиҳаҳои таҳияшуда бояд бо дигар роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ба мувофиқа расонида шавад.

4.15. Стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб, агар дар матни он ва ё қарор дар бораи тасдиқи он тартиби дигар муқаррар карда нашуда бошад, аз санаи тасдиқи он мавриди амал қарор дода мешавад.

Муҳлати амали стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб, ба истиснои хусусияти муваққатӣ доштани амали он, ки дар ном ва ё матни он нишон дода шудааст, бе маҳдуд мебошад.

4.16. Нусхаи аслии тамоми стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии тасдиқгардидаи  Палатаи ҳисоб барои нигоҳдорӣ ба бойгонии Палатаи ҳисоб супорида шуда, ҳомили элетронии он ба воҳиди сохтории Палатаи ҳисоб, ки функсия ва вазифаи ташаккул ва пешбурди маҳзани санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисобро иҷро менамояд, ирсол карда мешавад.

Тартиби ташкил, пешбурд ва истифодаи маҳзани санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои методологӣ аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб муайян ва тасдиқ карда мешавад.

## 5. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО ВА АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ НАМУДАНИ СТАНДАРТ ВА ҲУҶҶАТҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

5.1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зарурӣ ва бо асосҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- нисбатан дақиқ ба тартиб даровардан ва тафсили бештари ҷараёни амалӣ гардонидани намудҳои мухталифи фаъолияти Палатаи ҳисоб;

- бартараф намудани камбудиҳои дар ҷараёни татбиқи таҳқиқи он ошкор гардида;

- мутобиқ гардонидани меъёрҳои стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ба тозагӣ қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии Палатаи ҳисоб, инчунин таҷрибаи амалӣ;

- бартараф намудани такрорёбӣ ва мухолифати меъёрҳои стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ ба меъёрҳои дигар санадҳои меъёрӣ ва методологии тасдиқгардидаи Палатаи ҳисоб;

- роҳ надодан ба истинодоварӣ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, методологӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Палатаи ҳисоб, ки аз эътибор соқит дониста шудаанд;

- ислоҳ намудани саҳву хатогиҳо ва дигар носаҳеҳиҳои ошкор гардида дар стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб.

5.2. Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб ё аз эътибор соқит сохтани онҳо бо натиҷаи омӯзиши (мониторинг) аҳамиятнокии меъёрҳои ин ҳуҷҷат ва таҳлили татбиқи амалии он муайян карда шуда, ин амал аз ҷониби таҳиякунандаи ҳуҷҷат ба иҷро расонида мешавад.

Дар раванди омӯзиши (мониторинг) аҳамиятнокии меъёрҳои стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ мутобиқат доштани муқаррароти он ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб, ки баъд аз тасдиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ қабул карда шудааст, муайян карда мешавад.

Дар рафти таҳлили татбиқи амалии меъёрҳои стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб бошад, мутобиқат доштани натиҷаи татбиқи амалии он ба вазифаҳои ҳуҷҷат муайян карда шуда, ҷой доштани камбудиву хатогиҳо, ки зимни татбиқи амалии он ба миён меояд, муқаррар карда шуда, зарурати ба таври иловагӣ ба тартиб даровардани соҳаи татбиқи он муайян карда мешавад.

5.3. Омӯзиши (мониторинг) аҳамиятнокии муқаррароти стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зарурӣ, ки ба қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрӣ ва методологии Палатаи ҳисоб алоқамандӣ дорад, амалӣ карда мешавад.

Таҳлили татбиқи амалии стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бошад ба таври даврӣ, вале на пештар аз гузаштани як соли тасдиқи он гузаронида мешавад.

Дар сурати дар натиҷаи омӯзиши (мониторинг) стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб ва ё таҳлили татбиқи амалии он зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо муқаррар карда шавад, дар ин ҳолат аз ҷониби таҳиякунанда ва ё роҳбари бевоситаи ӯ тибқи тартиби муқарраршуда ҷиҳати ворид намудани масъалаи мазкур ба нақшаи ҷорӣ ва ё оянда пешниҳоди асоснокардашуда манзур дошта мешавад.

Дар ҳолати қабули қарори дахлдор роҳбари воҳиди сохтории масъули дастгоҳи Палатаи ҳисоб таҳияи тағйиру иловаҳои воридшавандаро тибқи тартиби муқарраршуда амалӣ намуда, ҳамзамон дар ҳолати зарурӣ ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методологии алоқаманд тағйиру иловаҳо ворид карда ва ё аз эътибор соқит карда мешавад.

Тағйиру иловаҳои ба стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб воридшаванда, ки аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб бояд тасдиқ карда шавад, тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

5.4. Дар мавриди аз нисфи ҳаҷми матни стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб зиёд будани ҳаҷми тағйиру иловаҳои воридшаванда, инчунин дар сурати пеш омадани зарурати ба таври муҳим тағйир додани сохтори он, стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ дар таҳрири нав таҳия ва ба тасвиб расонида мешавад.

Таҳияи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ дар таҳрири нав тибқи тартиби бо Дастурамали мазкур муқарраргардида амалӣ карда шуда, дар маълумотномаи тавзеҳотӣ ба лоиҳаи он дар баробари нишондодҳои дар банди 4.6 Дастурамали мазкур овардашуда, инчунин асоснокии зарурати таҳияи он дар таҳрири нав, тавсифи мухтасари фарқияти он аз таҳрири амалкунанда, инчунин самараи интизории он дар муқоиса ба ҳуҷҷати амалкунанда оварда мешавад.

5.5. Стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зерин аз эътибор соқитшуда эътироф карда мешавад:

- мутобиқат надоштани стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тасдиқ гардидани стандарт ва ҳуҷҷати методологии нав;
- ба сохтори дигар стандарт ва ҳуҷҷати методологии тасдиқнамудаи Палатаи ҳисоб ворид гардидани муқаррароти стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ;

- тағйир ёфтани намудҳои алоҳида ва мазмуни фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки бо стандарт ва ҳуҷҷати методологии мазкур ба танзим дароварда мешавад;

- ба охир расидани мӯҳлати амали стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ.

5.6. Қарор дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб, тасдиқи он дар таҳрири нав ё аз эътибор соқит намудани он аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ва ё шахси масъул онро тасдиқ намуда, қабул карда мешавад.

Тағйиру иловаҳои воридгардида ба стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб, таҳрири нави он ва аз эътибор соқит донистани он аз санаи ба расмият даровардан мавриди амал қарор мегирад, агар дар он муқаррароти дигар муайян нагардида бошад.

**ЗАМИМАИ №1**

**ҚОИДАИ**
**таҳия, ифода намудан ва ба расмият даровардани стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб**

1.Стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб аз қисмҳои алоҳида таркиб ёфта, ҳамчун қоида ба ҳайати он дохил мешавад:

- шакл ва маълумотҳои ҳатмӣ дар бораи тасдиқи стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ;
- номи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ
- муқаррароти умумӣ;
- истилоҳот ва мафҳумҳо;
- муқаррароти асосӣ;
- замимаҳо.

2. Шакли тасдиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бояд маълумотҳои дахлдорро вобаста ба аз ҷониби кӣ, кадом вақт ва рақами тартибии онро дар бар гирифта, он дар қисми болоии варақ аз тарафи рост ҷойгир карда мешавад.

3. Номгӯи пурраи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ, ки бояд мавзӯи онро ба таври кутоҳ ва дақиқ тавсиф менамояд, бояд мазмуни меъёрҳои муқаррарнамудаи онро ҷамъбаст намуда, баъд аз ҷойгир шудани маълумот дар бораи тасдиқкунӣ дар мобайни сатр оварда мешавад.

4. Қисми «Муқаррароти умумӣ» маълумот дар бораи асосҳои таҳия, таъинот, соҳаи мушаххаси татбиқ, мавзӯи ба танзим даровардашуда ва вазифаҳои стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисобро дар бар гирифта, зимни нишон додани соҳаи татбиқи он, тасвиятҳои зерин оварда мешавад: «Стандарт ва ҳуҷҷати методологии мазкур …-ро муқаррар менамояд» ва ё «Стандарт ва ҳуҷҷати методологии мазкур дар соҳаҳои … паҳн гардида, …-ро муқаррар менамояд.».

Дар сурати мушаххас намудани соҳаи татбиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб тасвияти зерин истифода карда мешавад: «Стандарт ва ҳуҷҷати методологии мазкур барои татбиқи … таъин гардидааст.» ва ё «Стандарт ва ҳуҷҷати методологии мазкур дар соҳаҳои … паҳн гардида, …-ро муқаррар менамояд.».

Инчунин, нишон додани таъинот, мавзӯи ба танзим даровардашаванда ва соҳаи татбиқи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисобро дар як ҷумла якҷоя низ нишон додан мумкин аст..

Қисми «Муқаррароти умумӣ» бо рақами арабӣ рақамгузорӣ гардида, дар байни сатр баъд аз ифода ёфтани номи стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ, ҷойгир карда мешавад.

5. Қисми «Истилоҳот ва мафҳумҳо» дар стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зарурӣ ва бо мақсади таъмини дарки якхелаи истилоҳотҳои истифодашаванда ва мафҳуми онҳо дар маънои кутоҳ оварда мешавад, агар истилоҳотҳо ва мафҳуми онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври махсус ифода нашуда бошад.

Қисми «Истилоҳот ва мафҳумҳо» дар шакли қисм бо ҳамин ном оварда шуда, бо иборахои «Дар стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ истилоҳотҳои зерин истифода бурда мешавад» оғоз гардида, истилоҳот ва мафҳумҳо сархатҳои алоҳидаро ташкил дода, аз якдигар бо тире ҷудо карда шуда, дар охири он нуқта вергул гузошта мешавад.

6. Матни муқаррароти асосии стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб аз боб, банд, зербанд ва сархат ташкил меёбанд.

Зимни тақсими матни стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб ба бандҳо ва зербандҳо, зарур аст, ки ҳар як банд ва зербанд меъёр ва муқарраротҳои алоҳидаро дар бар гирифта, воҳиди мантиқии ба охир расидаро ифода намоянд.

Боб, бандҳо ва зербандҳои стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бо рақамҳои арабӣ ва аз рӯи тартиб рақамгузорӣ карда мешавад (ба монанди 1, 2, 3 ва 1.1., 2.1., 3.1. ва 1.1.1., 2.1.1., 3.1.1. ва ғ.).

Ҳар як боб бо сарлавҳа ифода карда шуда, он бояд ба таври кутоҳ ва дақиқ мазмуни онро ифода намуда, дар байни сатр ҷойгир карда шавад.

7. Маводҳое, ки муқаррароти асосии стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисобро пурра мегардонанд, дар шакли замимаҳо ба расмият даровaрда шуда, бо аломати «№» ва рақами арабӣ баъд аз калимаи «Замима» ифода ёфта (агар стандарт аз як Замима иборат бошад, ин тартиб истифода намешавад), дар он овардани маводҳо дар намуди нақшаю ҷадвалҳо ва ё усулҳои ҳисоббаробаркунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Замима дар варақи алоҳида ифода ёфта, дар қисми болоии варақ аз тарафи рост омада, мазмуни мавзӯи он бо сарлавҳа дар мобайни сатр оварда мешавад. Вобаста ба ҳар як замима дар тамоми матни ҳуҷҷат истинод овардан мумкин аст.

8. Вобаста аз хусусияти мазмуни стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб муқаррароти он метавонад дар шакли матн, ҷадвал, маводҳои нақшавӣ ва ё дар якҷоягӣ оварда шаванд.

9. Мазмуни матни стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бояд мушаххас, кутоҳ ва дақиқ ифода ёфта, ба шарҳи гуногуни он роҳ дода нашуда, пайвастагии мантиқии он, ки ҷиҳати истифодаи он вобаста ба таъинот ва соҳаи татбиқи он зарур аст, таъмин гардида бошад.

Матни лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб дар вараҚи стандартии А4 ба чоп расонида шуда, тибқи талаботи қоидаҳои коргузорӣ ба расмият дароварда мешавад.

10. Стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб бояд ба талаботҳои ҷойдошта мувофиқат намуда, ба истифодаи калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ ва душворфаҳм роҳ дода нашавад.

Инчунин, дар стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб истилоҳотҳое, ки мафҳумҳои он дар худи ҳамон стандарт ва ё дигар стандартҳои махсуси Палатаи ҳисоб оварда шудааст, истифода бурда мешавад.

11. Зимни ифода намудани меъёрҳо, талаботҳо ва қоидаҳо дар матни стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб калимаҳои «бояд», «зарур аст», «талаб карда мешавад», «роҳ дода намешавад», «манъ аст» ва ғ. истифода бурда мешавад.

Ҳангоми ифода ёфтани муқаррарот, ки ҷиҳати берун баромадан аз талаботу қоидаҳоро муайян менамояд, калимаҳои «метавонад», «ҳамчун қоида», «дар ҳолати зарурӣ», «иҷозат дода мешавад», «мумкин аст» ва ғ. истифода бурда мешавад.

12. Ҳангоми ифодаи тавсияҳо дар стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб калимаҳои «тавсия дода мешавад», «тавсия дода намешавад», «мувофиқи мақсад мебошад», «мувофиқи мақсад намебошад» ва ғ. истифода бурда мешавад. Дар сурати хусусияти тавсиявӣ доштани ҳуҷҷати методологӣ ва ё сарлавҳаи он, дар шакли ривояти нақлӣ баён намудани тавсияҳо низ мумкин мебошад.

13. Маводҳои ҷадвалӣ ба стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ ҷиҳати муқаррар ва тасвир намудани хусусиятҳои алоҳидаи мавзӯи ба танзим даровардашаванда, инчунин шарҳ ва дарки дурусти матни он оварда шуда, бевосита баъди матн ҷойгир карда шуда, бо калимаи «тасвир» ифода ва дар сурати аз як адад зиёд будан он рақамгузорӣ карда мешавад (масалан, Тасвири 1 ва ғ.).

14. Дар стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ дар ҳолатҳои зерин истинод оварда мешавад:

- барҳам задани такрорёбии муқаррарот ва лаҳзаҳои алоҳидаи он дар стандарт ва ҳуҷҷати методологӣ;

- барҳам задани такрорёбии меъёрҳо дар дигар стандарт ва ҳуҷҷатҳои методологӣ;

- пешниҳоди маълумот дар бораи дарҷ гардидани меъёр ва муқаррарот дар қисмҳои сохтории стандарти мазкур ва ё дигар ҳуҷҷатҳои методологии Палатаи ҳисоб;

- пешниҳоди маълумот вобаста ба вуҷуд доштани дигар ҳуҷҷатҳо, ки меъёрҳои он ба мавзӯи ба танзимдарории стандарти мазкур паҳн мегардад.

**ЗАМИМАИ №2**

**Ш А К Л И**
**варақаи ба мувофиқа расонидани лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб**

**В А Р А Қ А И**

ба мувофиқа расонидани лоиҳаи ____________________________________
_________________________________________________________________
(номгӯи пурраи стандарт ва ҳуҷҷати методологии таҳиягардидаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон)

| Самти фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (воҳиди сохтории дастгоҳи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазифа, ному насаби шахси мансабдор, ки лоиҳаи ҳуҷҷат бо ӯ мувофиқа карда шудааст | Имзо ва санаи ба мувофиқа расонидан |
|---|---|---|
| | | |

____________________ ____________ __________________
Вазифа Имзо
Ному насаб

**ЗАМИМАИ №3**

**Ш А К Л И**
**ҷадвали ихтилофи назарҳо вобаста ба лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҶАДВАЛИ ИХТИЛОФИ НАЗАРҲО

вобаста ба лоиҳаи ______________________________________________
________________________________________________________________
(номгӯи пурраи стандарт ва ҳуҷҷати методологии таҳиягардидаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон)

| р/т | Қисми сохтории лоиҳаи стандарт ва ҳуҷҷати методологии Палатаи ҳисоб | Вазифа, ному насаби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари воҳиди сохторӣ), ки таклифу пешниҳод ва мулоҳизаҳои худро манзур доштааст (рақам ва санаи мактуби ирсолӣ) | Таклифу пешниҳодҳо | Хулосаи шахси таҳиякунандаи ҳуҷҷат |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

____________________ ________________ _______________
вазифа имзо ному насаб